«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи Славянии Россия-Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.К.

________________

«__» ________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуи мубрами илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” бахшида шуда, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми илмии довталаб дар он дида мешавад, рисолаи анҷомдодаи ӯ барои омӯзиш ва таҳкими минбаъдаи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, аз ҷумла, ҳалли масъалаҳои таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, мусоидат менамояд. Андешаҳое, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии мурофиавии дар самти дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят хизмат менамоянд. Арзиши амалии тадкикот дар

он дида мешавад, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои онро метавон дар таҳияву таҷдиди меъёрҳои ҳуқуқии танзими дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят истифода намуд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд. Аҳаммияти амалии диссертатсия, ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар самти дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, дар амалияи мақомоти тафтиши пешакӣ ва судӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Баъзе тавсияҳои муаллиф барои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аҳамияти калон доранд, ба монандӣ: 1) моддаи 92 КМҶ ҶТ бояд «Асосҳои дастгир карданани шахси гумонбар» номида шавад; 2) дар м. 53 КМҶ ҶТ лозим аст, ки илова оид ба иштироки ҳатмии ҳимоятгар ҳангоми ҷалб кардани шахс ба сифати гумонбаршуда ворид карда шавад; 3) дар КМҶ ҶТ меъёре ворид карда шавад, ки мутобиқи он дар ҳолате, ки агар дастгиркунӣ бо вайрон кардани талаботи м. 94 КМҶ ҶТ ва мавҷуд будани асосҳои дар м.м. 27, 234 КМҶ ҶТ пешбинишуда анҷом дода шуда бошад, қарор дар бораи озод кардани гумонбаршуда аз тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ бароварда мешавад. Таклифҳои пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин ин тавсияҳо метавонанд оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти беҳтар кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи пешбурди мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намоянд.

Бояд иброз дошт, ки рисоланавис дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба мавзуи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории он метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Вобаста ба масъалаи таҳлили мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф асоснок менамояд, ки дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят моҳияти расмӣ ва

ҳуқуқию мурофиавии ҷиноятӣ дорад. Чунки тибқи қонун, аз номи давлат, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, бо асос ва риояи тартиби қатъиян муайяни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад. Лаҳзаи дастгир кардани шахси дар содиркунии ҷиноят гумонбаршуда, лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва маҷбуран дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштан ва бо ин роҳ мамониат кардан ба тибқи иродаи худ анҷом додани дигар ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии шахс, вобаста ба расман (бо қабули қарор) додани мақоми мурофиавӣ ба шахси дастгиршуда ва иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршуда бояд қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ ҳисобида шаванд;

2. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст,ин хулосабарорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба м. 46 КМҶ ҶТ мебошад. Ба андешаи муаллиф ҷалби шахси гумонбар дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба сифати гумонбаршуда бо таҳрири зайл пешниҳод карда шудааст: қисми 1 м. 46: «Дар сурати мавҷуд будани яке аз ҳолатҳое, ки барои гумонбарӣ асос мешавад, лекин ба эълони айб кофӣ нест ва бинобар зарурати бо гумонбар гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф карданро қабул намояд. Қарор бояд қонунӣ, асоснок ва ваҷҳнок бошад»; қисми 2: «Бо баробари қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян, таҳқиқбаранда, муфаттиш ӯҳдадор аст, ки дар бораи ба сифати гумонбаршуда эътироф намудани шахс қарор қабул намуда, сабабу моҳияти гумонбариро асоснок намояд. Қарори мазкур бояд баъди пурсиши нахустин ва дар ҳолати боздошт ва интиқоли ӯ ба мақомоти таҳқиқ дар муддати на дертар аз се соат қабул карда шавад. Ба гумонбаршуда моҳияти гумонбарӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гумонбаршуда, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, фаҳмонида шавад».

1) Бахши дигари муваффақияти рисоланавис ин аз нигоҳи амалӣ пешниҳод намудани рад кардани гумони содир намудани ҷиноят аз тарафи шахс

ба ҳисоб меравад. Қисми 2 м. 92 КМҶ ҶТ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шудани гумонбаршударо иҷозат медиҳад. Масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгир кардан ҳал карда мешавад. Дар ин муҳлат, агар оғози парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон бошад, бояд гумони аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят низ рад карда шуда, ин ҳолат бояд дар қарори рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё дар қарори алоҳида нишон дода шавад. Вобаста ба масъалаи мазкур муаллиф чунин ибрози ақида намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад:

А) асоси минбаъд дар тавқифгоҳи нигоҳдории мувваққатӣ нигоҳ доштани шахси дастгиршуда аз байн меравад, лекин шахси бинобар тасдиқ наёфтани гумонбарӣ аз тавқифгоҳи нигоҳдории муаваққатӣ озодшуда, мумкин аст баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси далелҳои ҷамъовардашуда мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор гирад;

Б) дастгиршуда аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карда шуда, мумкин аст, ки баъди (3 шабонарӯз) оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба сифати шоҳид ё ҷабрдида даъват карда шавад;

В) аз лаҳзаи воқеан дастгир карда шудани шахс дар давоми 12 соат рад карда шудани гумонбарӣ муҳлати ниҳоии нигоҳдории шахсро дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ муайян кардааст. Ин муҳлати дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ доштани дастгиршуда, набояд барои санҷиши ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят то оғози парвандаи ҷиноятӣ дароз карда шавад.

4. Масъалаи мубрами дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст ин таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят мебошад. «Асосҳои дигари кофӣ» дар сархати 4 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муқаррар шуда, хусусияти баҳодиҳиро дорад. Муаллиф дуруст асоснок намудааст, ки азбаски, мазмун ва моҳияти «асосҳои дигари кофӣ» дар ин меъёр саҳеҳ баён нашудааст, қонун амалигардонии боздоштро бо мавҷуд будани шароит ё ҳолатҳои муайян алоқаманд дониста, ба он хусусияти таъхирнопазир дода, дараҷаи эҳтимолияти иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят бештар менамояд ва бо ҳамин васила асосҳои мустақили боздоштро ба вуҷуд меорад.

Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон вобаста ба таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят рисоланавис ба чунин хулосаҳои дуруст ва асоснок омадааст: 1) ба сифати сарчашмаи «асосҳои дигари кофӣ», инчунин маълумоте дониста шавад, ки аз пешбурди парвандаҳои дигари ҷиноятӣ (хотимаёфта, боздошташуда ё қатъ шуда), натиҷаи чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ, бойгонии мақомоти оперативӣ, тафтишию судӣ, маркази дактилоскопӣ гирифта, омӯхта шуда бошад, ки ба гумонбарии ҳамин шахс дар содир намудани ҷиноят ишора мекунанд; – ин шахс кӯшиши аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда истода бошад, дар ҷустуҷӯи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ қарор дошта бошад; кӯшиши фавран иваз кардани ҷои кор ё зистро карда бошад; – шахс қаблан ба маҳалли содир шудани ҷиноят пайваста ҳозир шуда, барои содир кардани ҷиноят шахсони муайянро бо роҳи таҳдид, моил ва ҳавасманд кардааст (ки шахсияташон муайян карда шудааст) ё омода карда бошад; қаблан ҳамин намуди ҷиноятро содир карда айбдор ё маҳкум шудааст; қобилият ва имконияти ташкил ва ё содир кардани ҳамин намуди ҷиноятро ҳамчун касб дорад ё ба он майл дорад; – қобилият ва имконияти ташкил ва ё содир кардани ҳамин намуди ҷиноятро ҳамчун касб дорад ё ба он майл дорад; сарчашмаи даромад, ҷойи кори доимӣ надорад; аз оқибати ҳамин ҳодисаи рухдода бештар манфиатдор аст; – қаблан нисбати ҷабрдида ангезаи бадбинӣ, ғараз, рақобат ё хусумат зоҳир кардааст; бо ҷабрдида ҳамкорӣ, тиҷорат ё муносибати дигаре дошт, ки боиси мунокиша ё хусумат, қасд ё бадбинӣ шудааст; – маълумот аз шахси ихтиёран бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда гирифта шуда, бо ҳолатҳои рух додани ҳодиса, баёноти аризадиҳанда ё шахсони воқиф аз ҳодиса мувофиқат мекунад, ки кирдори хавфнок содир кардани ҳамин шахсро тасдиқ мекунад; 2) Дар таҳрири ба м. 92 КМҶ ҶТ пешниҳод кардаи муаллиф асосҳои боздошт амалҳои мукаммал ва мантиқӣ пешниҳод шуда, яке аз шартҳои боздошт «муайян набудани маълумот дар бораи шахсият ва ҷои истиқомати доимӣ» рад карда мешавад.

5. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст, ин хулосабарорӣ оид ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба тартиби мурофиавии расмиёти

дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст, озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, мебошад.

Дар умум, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки рисоланавис дар ҳалли масъалаҳои илмии марбут ба дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят муваффақ гардида, нуктахое илмиеро манзур намудааст, ки воқеан асоснок ва таҳкимбахшандаи илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна дар он зоҳир мегардад, ки дар он аввалин бор таҳлили комплексии чунин мавзуи мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди дастгир кардани шахс бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят дар мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот муқаррароти назариявие асоснок карда шудаанд, ки моҳияти гумонбарӣ ва дастгир карданро мекушоянд.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят, ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он, таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят, мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст, озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст ва вобаста ба дигар масъалаҳои дар ин самт алоқаманд пешниҳодҳои асоснок пешниҳод гардидааст. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки ба андешаҳои илмӣ дар перомуни мавзуи дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ вусъат бахшида

шуда, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ташаккул ёбад. Инчунин, ба ҳайси маводи омӯзишӣ барои донишҷӯён, шунавандагон, унвонҷӯён, аспирантон, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масъалаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят марок зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

Навгонии нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар хулосаҳои зерин ифода ёфтаанд:

**1.** Диссертант асоснок пешниҳод мекунад, ки ба қонунгузорӣ истилоҳи нав «гумонбарӣ» ворид карда шавад. Гумонбарӣ ба институти ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ дошта, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти асоснокии иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Ақидаи шахсӣ, гумонбарии фардӣ, ки ба асосҳои кофӣ такя намекунад, аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад. Эълон кардани айб дар ин ҳолат ғайриимкон аст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст. Чунин гумонбарӣ ба маълумоти ҷамъоваришудаи мушаххас оид ба ҳолатҳои ҷой доштани кирдори ҷиноятӣ асос меёбад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити алоҳидаи ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, асос ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят баромад мекунанд.

**2.** Барои таъмин кардани кафолати қонунӣ будани дастгиркунӣ, зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи барасмиятдарории гумонбарӣ лозим аст. Барои гумонбарӣ мавҷуд будани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххасе мебошанд, ки дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Гумонбаршуда эътироф кардан бояд бо қарор дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зерин барасмият дароварда шавад: агар қаблан нисбати шахс бо асос ва тартиби пешбининамудаи қонун парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашуда бошад; ё агар бо сабаби гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба ӯ дар

ин бора хабар надода бошанд, ё ин ки ӯ дастгир карда нашуда бошад, ё то эълон кардани айб нисбаташ чораи пешгирӣ татбиқ карда нашуда бошад, аммо ӯро ҳамчун гумонбаршуда пурсиш карда бошанд.

**3.** Бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва бартараф кардани мафҳуми номуайяни «асосҳои дигари кофӣ» дигар ҳолатҳо, ба сифати асоси дастгир кардан диссертант дуруст ва асоснок пешниҳод мекунад, ки мутобиқи қонун, асос барои дастгир кардан, маълумотҳое ба ҳисоб меравад, ки бо тартиби мурофиавӣ дастрас шуда, барои гумонбар донистани инсон дар содир кардани ҷиноят кифоя мебошанд, ба шарте, ки ӯ аз ҷои ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ кӯшиши пинҳон шуданро дорад, ё ҷои зисти доимӣ надорад, ё дар минтақаи дигар истиқомат мекунад, ё шахсияти ӯ муайян карда нашудааст.

**4.** Дастгир кардани гумонбаршуда, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, барасмиятдарории протокол қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аз лаҳзаи барасмият даровардани қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ, шахс дастгиршуда ба ҳисоб рафта, то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгари ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан ё то озод кардан дар чунин мавқеъ боқӣ мемонад.

**5.** Муаллиф мувофиқи мақсад мешуморад, ки дар КМҶ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ» мафҳуми «дастгиркунии воқеӣ» (бо асос ва тартиби супоридани дастгиршуда ба мақомоти салоҳиятдор) ворид карда шуда, мафҳуми он шарҳ дода шавад.

Дастгиркунӣ дар қарор қайд карда шуда, протоколи дастгиркунӣ бояд дарҳол баъд аз дастгиркунии воқеӣ ба расмият даровarда шавад, дар ҳолатҳои ғайриимкон будани чунин барасмиятдарорӣ (офатҳои табиӣ, дигар ҳодисаҳои иҷтимоӣ), пас аз як соат баъд аз супоридани дастгиршуда ба мақомоти таҳқиқ.

**6.** Муаллиф дуруст пешинҳод мекунад, ки мазмуни мафҳуми гумонбаршуда бояд унсурҳои таркибии зеринро дар бар гирад:

– ба вуҷуд омадани гумонбарӣ;

– муайян кардани асосҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишуда;

– қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, агар парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳодисаи ҷиноят оғоз шуда бошад;

– пурсиши гумонбаршудаи воқеӣ;

– ба итмом расидани гумонбарӣ (ин эътироф кардани шахс ба сифати айбдоршаванда ё ин ки озод кардани шахс аз гумонбарӣ).

**Асоснокӣ ва мўътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи маводи илмӣ ва таҷрибаи амалии кофӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст. Мундариҷаи кори илмӣ шаҳодати он аст, ки муаллиф тавонистааст масъалаҳои вобаста ба мавзуи таҳқиқшавандаро таҳлил карда, мубрам будани онро нишон диҳад.

**Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ доштани таҳқиқоти унвонҷў масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасад:**

1. Дар нуктаи рақами №4 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф менависад, ки "Раванди қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардан дар се марҳила сурат мегирад: 1) шиносоии шахс бо қарор; 2) фаҳмонидаи ҳуқуқ ва ухдадориҳояш 3) пурсиши гумонбаршуда". Оё дар ин раванд давраи таҳияи қарор мавҷуд нест, мехостем муаллиф дар вақти ҳимоя шарҳ медоданд.

2. Дар нуктаи №2 ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф ба хулосае меояд, ки "дастгиркунӣ дар қарор қайд карда мешавад. Протоколи дастгиркунӣ бояд дарҳол баъд аз дастгиркунии воқеӣ ба расмият дароварда шавад, дар ҳолатҳои ғайриимкон будани чунин барасмиятдарорӣ (офатҳои табиӣ, дигар ҳодисаҳои иҷтимоӣ), пас аз як соат баъд аз супоридани дастгиршуда ба мақомоти таҳқиқ". Муаллиф мушаххас накардааст, ки нисбат ба факти дастгир кардан қарор қабул карда мешавад ва ё ин ки протокол тартиб дода мешавад?

3. Дар рисола пешниҳодҳои хусусияти амалидошта кам дида мешаванд. Зимни ҳимоя масъалаи зерин аз ҷониби муаллиф шарҳ дода шавад.

4. Қарори ба сифати гумонбаршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс, ба назари мо расмиёти мурофиаи ҷиноятиро аз будааш ҳам мушкилтар мегардонад. Ин нукта асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии тадқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Зеро диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ истифода шудаанд, аз сифати мусбии диссертатсия шаҳодат медиҳанд ва онҳо минбаъд метавонанд, дар тадқиқотҳои алоҳида вобаста ба ин масъала ва проблеммаҳои мукаммалсозии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар самти «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати тахассуси илмии Абдуллоева Мадина Камоловна барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.09. - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон мавзуи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне, диссертатсияи мазкур қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партавиислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021)» ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» иҷро шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҷрибаи омузгории ӯ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия ифода меёбад. Нуктаҳои

асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдуллоева Мадина Камоловна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, бахусус, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, боис мегарданд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ такмил ёбад. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси

фанни таълимии ҳуқуқи мурофиавии ҷинноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, Абдуллоева Мадина Камоловна, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09. - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти риояи талаботҳои бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 1 аз 26 августи соли 2023.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Ҳамроев Шуҳратҷон Садирович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯи ихтисосҳои 12.00.01 ва 12.00.03), мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон , баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 26 августи соли 2023. Дар ҷаласаи кафедра аз 12 нафар иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 10, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти №1 аз 26 августи соли 2023.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
славянии Россия-Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Золотухин А.В.

Ташхисгар, мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ
ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ , дотсент Ҳамроев Ш.С.

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Насков Д.С.

Имзои А.В.Золотухин, Ш.С., Хамроев, Д.С. Насков.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон Раҳимов А.А.

28.08.2023.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. М.Турсунзоде, 30. 734000,
Телефон:(992) 37 221-35-50
Факс: (992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru